
Нӯҳ



КИШТӢ БЕШТАР АЗ САД РӮЗ БАР ПАСТОБ БУД, ҲАНГОМЕ КИ НӮҲ ЗОҒРО ФИРИСТОД.
ПАДАР, ЧАРО ЧУНИН КАРДӢ?
ЗОҒ АЗ БАЛАНДӢ ЗАМИНИ ХУШКРО ЁФТА МЕТАВОНАД. АГАР ВАЙ ГАШТА ОЯД, МО МЕФАҲМЕМ, КИ ОБҲО –
НЕ, ПАДАР, МАН ДАР НАЗАР ДОРАМ, КИ ЧАРО ТУ ЯКЕ АЗ ЗОҒҲОРО ФИРИСТОДӢ? МО ФАҚАТ ДУ ЗОҒ ДОРЕМ, ВА АГАР БО ЯКЕ ЧИЗЕ РӮЙ ДИҲАД...
МАЪНОИ ДИГАР МЕҲР, МЕҲРУБОН, МЕДОНЕД MA"NOI DIGAR MEHR, MEHRUBON, MEDONED
АММО ЗОҒ МЕТАВОНИСТ ФАҚАТ БАР ОБҲО ПАРВОЗ КАРДА, РАФТА ОЯД.
ПАС АЗ ЯК ҲАФТА ...
ЧАРО ТАШВИШ МЕКАШӢ, ПАДАР?
ҲАФТАИ ГУЗАШТА ЗОҒРО ФИРИСТОДА БУДӢ, ВА ИН ЧИЗЕРО АЁН НАКАРД.
ҲА, АММО БАРОЯМ ШАВҚОВАР АСТ. МАН ДОНИСТАН МЕХОҲАМ, КИ ДАР БЕРУН АҲВОЛ ЧӢ ТАВР АСТ, АММО ҶУРЪАТ НАМЕКУНАМ ДАРРО КУШОЯМ!
ҲАСТӢ 8:6-9


ҲАФТАИ ДИГАР...
ОЁ ВАҚТ ФАРО РАСИДААСТ, ПАДАР?
ДАР РӮЗҲОИ НАЗДИК ФАРО МЕРАСАД. МАН МЕДОНАМ.
НИГАРЕД, ОН БАРГАШТ.
ҲА, ПАДАР, БАРГАШТ! АММО НИГАРЕД! ДАР НӮЛАШ ЧИЗЕРО ОВАРДААСТ!!!
БАРГИ ЗАЙТУН!
БАРГИ ЗАЙТУН!
НӮҲ ЯК ҲАФТАИ ДИГАР ИНТИЗОР ШУД, ВА БАЪД...
ИМРӮЗ, МАН ҲИС МЕКУНАМ, КИ ИН КАБӮТАР БАРНАМЕГАРДАД!
ОН ПАРАНДА ҶОЕ БАРОИ ОСОИШ ЁФТААСТ! МАН МЕДОНАМ!
БА ФИКРАМ, ҲАНӮЗ БОЯД МУДДАТИ ЗИЁД САБР КУНЕМ, ТО КИ ЗАМИН БАРОИ МО ВА ҲАЙВОНҲО БА ҚАДРИ КОФӢ ХУШК ШАВАД–
--АММО ҲАР ҚАДАР ИНТИЗОР ШАВЕМ ҲАМ, ИН НАБОЯД БАРОБАРИ ОН МУДДАТЕ БОШАД, КИ ТО ТАЙЁР ШУДАНИ КИШТӢ ИНТИЗОР ШУДЕМ, ПАДАР!
ХАСТӢ 8:10-12


СЕСАДУ ҲАФТОДУ ШАШ РӮЗ ПАС АЗ ОН КИ ПАРВАРДИГОР ДАРИ КИШТИРО МАҲКАМ КАРД.
БА ФИКРАМ, ВАҚТ ФАРО РАСИД, ПИСАРОНАМ.
ИМРӮЗ ЗАМИН БАРОИ МО ТАЙЁР ХОҲАД БУД!
МАН МЕДОНАМ, КИ БАРОИ ЗАМИН ТАЙЁР ҲАСТАМ!
ОҲ, НӮҲ!
БИНЕД!!!
...РӮИ ЗАМИН ХУШК ШУДА БУД.
БАЪД ХУДО ГУФТ:
АЗ КИШТӢ БЕРУН ОЙ, ТУ, ВА ЗАНАТ, ВА ПИСАРОНАТ, ВА ЗАНОНИ ПИСАРОНАТ БО ТУ.
ҲАСТӢ 8:14-15


ВА ҲАМАИ ҲАЙВОНҲОЕРО, КИ НАЗДИ ХУД ДОРӢ, ПАРАНДАГОН, ЧОРПОЁН, ВА ТАМОМИ ХАЗАНДАГОНЕ КИ БАР ЗАМИН МЕХАЗАНД, БО ХУД БЕРУН ОВАР, ТО БАР ЗАМИН ПАҲН ШУДА РАВАНД, ВА БОРВАР ВА ЗИЁД ШАВАНД.

ХАСТӢ 8:17-19


ПИСАРОНАМ!
АЗ ҲАР ҲАЙВОНИ ПОК ЯКТОГӢ ҶАМЪ КУНЕД!
БАРОИ ЧӢ, ПАДАР?
ОНҲОРО БАРОИ ХУДОЯМОН ҚУРБОНӢ МЕКУНЕМ.
АКНУН, ОТАШ.
КАБӮТАР, ПАДАР.
ҲАСТӢ 8:20


БОРВАР ВА ЗИЁД ШАВЕД, ВА ЗАМИНРО ПУР КУНЕД.
ВА ҲАМАИ ҲАЙВОНҲОИ ВАҲШИИ ЗАМИН, ҲАМАИ ПАРАНДАГОНИ ОСМОН, ҲАР ЧИ БАР ЗАМИН МЕХАЗАД ВА ҲАМАИ МОҲИЁНИ БАҲР АЗ ШУМО ТАРСУ ҲАРОС ДОШТА БОШАНД.
ОНҲО БА ДАСТИ ШУМО СУПУРДА ШУДАНД.
ҲАР ҶУНБАНДАЕ КИ ЗИНДА АСТ, БАРОИ ШУМО ҒИЗО БОШАД.
ҲАМАРО ЧУН АЛАФИ САБЗ БА ШУМО ДОДАМ.
ВА БАРОИ ХУНИ ШУМО НИЗ, КИ ҶОНИ ШУМОСТ, ҚАСОС МЕГИРАМ.
АЗ ДАСТИ ҲАР ҲАЙВОН ОНРО ТАЛАБ МЕКУНАМ.
ВА ҶОНИ ОДАМИЗОДРО АЗ ДАСТИ ОДАМИЗОД, АЗ ДАСТИ БАРОДАРИ Ӯ ТАЛАБ МЕКУНАМ.
ҲАР КӢ ХУНИ ОДАМИЗОДРО РЕЗАД, ХУНИ Ӯ БА ДАСТИ ОДАМ РЕХТА ШАВАД. ЗЕРО ОДАМ БА СУРАТИ ХУДО ОФАРИДА ШУДААСТ.
ВА ШУМО БОРВАР ВА ЗИЁД ШАВЕД, ВА ДАР РӮИ ЗАМИН ПАҲН ШУДА РАВЕД, ВА ДАР ОН АФЗОЕД.

ҲАСТӢ 9:1-7


РАНГИНКАМОНИ ХУДРО ДАР АБР МЕГУЗОРАМ, ТО АЛОМАТИ АҲДИ БАЙНИ МАН ВА ЗАМИН БОШАД.
ҲАР ГОҲ МАН АБРРО БАР ЗАМИН РАВОНА КУНАМ, ВА РАНГИНКАМОН ДАР АБР НАМУДОР ГАРДАД, МАН АҲДИ ХУДРО, КИ ДАР МИЁНИ МАН ВА ШУМО ВА ҲАР ҶОНИ ЗИНДАИ ҲАР ОФАРИДА АСТ, БА ЁД МЕОВАРАМ:
ВА БОРИ ДИГАР ОБИ ТӮФОН БАРОИ ҲАЛОК КАРДАНИ ҲАР ОФАРИДА РӮЙ НАМЕДИҲАД.
ВА ЧУН РАНГИНКАМОН ДАР АБР БОШАД, МАН ОНРО ДИДА, ОН АҲДИ АБАДИРО, КИ ДАР МИЁНИ ХУДО ВА ҲАР ҶОНИ ЗИНДАИ ҲАР ОФАРИДАИ РӮИ ЗАМИН АСТ, БА ЁД МЕОВАРАМ.
ҲАСТӢ 9:11-17


НӮҲ ВА АҲЛИ ОИЛААШ АЗ ПАЙИ КОР ШУДАНД.
ДАР ЗАМИН КОР МЕКАРДАНД.
ХОНАҲО МЕСОХТАНД.
ЧОРВОРО БОНӢ МЕКАРДАНД.
ҲАЁТИ НАВИ ХУДРО БУНЁД МЕНАМУДАНД.
СОХТАНИ ЧИЗЕ КИ ДАР ДУ-СЕ РӮЗ ТАЙЁР МЕШАВАД,ХУШ АСТ, ҲАМИН ТАВР НЕ, БАРОДАРОН?
СОХТАНИ ЧИЗЕ КИ БА ТАХТАБАНДИҲОИ БЕҲАД БАЛАНД БАРОМАДАНРО НАМЕТАЛАБАД,ХУШ АСТ!
АГАР ФИКР КУНЕД, МО ИН ХАЙМАРО БА ҲАМОН МАҚСАДЕ МЕСОЗЕМ, КИ КИШТИРО СОХТА БУДЕМ: МЕХОҲЕМ ДАР ХУШКӢ БОШЕМ!
ВА НӮҲ ТОКЗОРЕ ШИНОНД.
ВА МАЙ НӮШИДА, МАСТ ШУД.
МММ.
ХУБ. ГУВОРО.
ҲАСТӢ 9:20-21


ПАДАР?
МОДАРАМ МЕПУРСАД, КИ ОЁ ТУ–
ОҲ, ПАДАР!
МАН УМЕД ДОШТАМ, КИ ОН ПАРАНДАҲО ДАР ҲАМИН НАЗДИКИҲО МЕМОНАНД.
АЗ АФТАШ ГӮШТИ ОНҲО ХУБ БУД, АММО ОНҲО БО ҲАМАИ ҲАЙВОНҲОИ ДИГАР РАФТАНД.
ҲОМ, ЧӢ ШУДААСТ?
МУНДАРИ ҶА НАКУНЕД!
АЗ АФТАШ, ТОКЗОРИ ШИНОНДАИ ПАДАРАМОН ҲОСИЛ ДОДААСТ, ВА Ӯ АЗ ШАРБАТИ АНГУР НӮШИДААСТ!
ҲОЛО Ӯ ДАР ХАЙМААШ ХОБИДААСТ, ВА ЧУН ДАР РӮЗИ ЗОДА ШУДАНАШ ЛУЧ АСТ!
ХУДАТ БОВАРӢ ҲОСИЛ НАМО!

ҲАСТӢ 9:22


МАН ТАСАВВУР КАРДА НАМЕТАВОНАМ, КИ АВВАЛИН ЧИЗЕ КИ ОДАМ ВА ҲАВВО БАЪДИ ГУНОҲКОР ШУДАН ҲИС КАРДАНД, ЛУЧ БУДАНИ ХУД БУД.
АММО ПАДАР...Ӯ ДАР НАСЛИ ХУД ЯГОНА ШАХСИ РОСТКОР БУД!
ЯГОНА ШАХСЕ КИ БАРОИ АЗ БАДКИРДОРӢ НАҶОТ ДОДАНИ ИНСОНИЯТЕ КИ ХУДОРО ХАШМГИН КАРДААСТ, ИНТИХОБ ШУДА БУД!
БИСЁР ГУНОҲКОРОН НОБУД ШУДАНД, АММО НА ХУДИ ГУНОҲ.
МО ҲАНӮЗ ЗИНДАГӢ МЕКУНЕМ.
БА Ӯ НИГОҲ НАКУН, ЁФАТ.
ШАРМГОҲИ ӮРО ДИДАНИ МО ДАРКОР НЕСТ.
ЧӢ РӮЙ ДОДААСТ?
ЧАРО БОЛОПӮШИ СОМ БАР МАН АСТ?
НӮҲ, ТУ МАСТ ШУДА, АЗ ҲОЛ РАФТА, ЛУЧ ХОБ БУДӢ.
ПИСАРОНАТ МЕТАВОНИСТАНД ТУРО БИНАНД – ҲОМ ТУРО ДИД, ВА ДАР ҲОЛАТИ НОШОИСТА МОНДА РАФТ, АММО ДУ ПИСАРИ ДИГАРАТ БОЛОЯТРО ПӮШОНДАНД.
ҲОМ? ҲОМ? ЛАЪНАТ БА Ӯ, КИ МАРО ЛУЧ МОНДА РАФТ!
ХУДО СОМ ВА ЁФАТРО БАРАКАТ ДИҲАД, ЗЕРО БА МАДАДИ МАН ОМАДАНД!
ҲОМ ПАСТТАРИНИ ПАСТҲО БОШАД! ХУДО ДУ ПИСАРИ ДИГАРАМРО БОЛОБАРДОР КУНАД!
Канъон - лаънати ба насли Ҳом
НӮҲ, ҲОМ МАШКИ МАЙРО БА ДАСТАТ НАДОДААСТ.
ҲОМ ТУРО ВОДОР НАКАРДААСТ, КИ МАЙ НӮШИДА, КОРИ МЕКАРДААТРО НАДОНӢ. ҲОМ ТУРО ЛУЧ НАКАРДААСТ.
ПАС АЗ ҲАМАИ ОН ЧИ МО АЗ САР ГУЗАРОНДЕМ, ПИСАРИ ХУДАМ ВА МАН ИНТИХОБИ НОДУРУСТ КАРДЕМ!
ҲАСТӢ 9:23-27


ВА ОИЛАИ НӮҲ АФЗУН ШУД. ПИСАРОНАШ СОҲИБИ ПИСАРОНИ ХУД ШУДАНД.
ПАДАР!
ПИСАР АСТ! МО ӮРО АРАМ НО МЕМОНЕМ!
ЗАНИ МАН ХУБ АСТ, ЗАНҲО БА Ӯ МАЙЛ ДОРАНД!
АММО МАН МЕХОСТАМ, КИ ТУ АВВАЛИН НАБЕРААТРО БУБИНӢ!
АРАМ.
НАСЛИ ГУНОҲКОР АЗ БАЙН РАФТ, АММО БАДКИРДОРӢ – БАДКИРДОРИИ МО — АЗ БАЙН НАРАФТААСТ.
МО БО ХУДО АҲД ДОРЕМ, КИ Ӯ ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ ЗАМИНРО БО ТӮФОН ПОК НАМЕКУНАД.
ХУДО БО НАСЛҲОИ ОЯНДА ЧӢ АҲДЕ МЕБАСТА БОШАД, ТО КИ ОНҲОРО АЗ ГУНОҲ ПОК КУНАД?
ВА ПАС АЗ ТӮФОН АЗ ҲАМИН ОИЛАҲО ДАР ТАМОМИ ЗАМИН ҚАВМҲО ВА ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ПАҲН ГАШТАНД...

ҲАСТӢ 9:19, 28